# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-093–и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода дар мавзуи «Таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2016)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. – Таърих ва бостоншиносӣ 6.1.5. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои таърих Қобилова Б.Т., доктори илмҳои таърих Абдурашитов Ф.М. ва доктори илмҳои таърих, Маликов М. Ҳ., ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ аз 25.06.2026 таъсис дода шудааст, бо таҳқиқоти диссертатсионии Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода дар мавзуи «Таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2016)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. – Таърих ва бостоншиносӣ, 6.1.5. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқат мекунад.

Рисолаи илмии Муҳаммадсафои И. С. дар мавзуи «Таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2016)», ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст, таҳқиқоти мустақилона, мукаммал ва анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи муқарраршуда нисбат ба рисолаҳои илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисос пурра ҷавобгӯ мебошад. Мавзуи интихобшуда дар таърихшиносии тоҷик яке аз масъалаҳои мубрам буда, дорои аҳаммияти муҳимми илмӣ ба шумор меравад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Иттиҳоди Шуравӣ дар натиҷаи зиддиятҳои бухронии дохилӣ ва омилҳои берунӣ ибтидои солҳои 90-уми асри XX ҳамчун давлати ягона аз байн рафт ва дар қаламрави он давлатҳои нави мустақилу соҳибхтиёр ташкил ёфтанд. Муҳимтарин вазифаи ҷумҳуриҳои тозаистиқлол баробари таҳкими истиқлоли сиёсии бадастомада, роҳандозӣ намудани сиёсати мустақил ҳам дар масъалаҳои дохилӣ ва ҳам хориҷӣ буд. Ҷумҳурии тозаистиқлоли Тоҷикистонро низ ба мисли дигар ҷумҳуриҳои навташкилёфта зарур буд, ки ба бунёд ва таҳкими истиқлоли сиёсӣ ва асосҳои сиёсати мустақилонаи дохилию хориҷӣ, эҳёи унсурҳои миллии давлатдорӣ вобаста ба талаботи ҷаҳони муосир шуруъ намояд.

Мубрамии мавзӯи интихобшуда, пеш аз ҳама дар он аст, ки таҳқиқи илмии раванди дигаргунсозиҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ

дар давраи истиқлоли давлатӣ, ташаккули муносибатҳои комилан нави истеҳсолӣ, суръати тараққиёти хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ва мавзеҳои ҷудогонаи он алъон ба масоили муҳимми илмҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарӣ табдил ёфтааст. Инчунин, баррасии масъала имкон медиҳад, ки аз лиҳози илмӣ роҳҳои асосӣ ва сарчашмаҳои асосии рушди ҷумҳурӣ дар давраи истиқлол муайян карда шаванд. Бе нақди таърихии адабиёти илмӣ, муайян намудани дараҷаи инъикоси раванди рушд ва комёбиҳои ҷумҳурии тозаистиқолол, татбиқи сиёсати давлатӣ ва ҳадафҳои стратегию барномаҳои дурнамои давлатӣ имкон надорад.

Сарчашмаҳои асосии таҳқиқоти таърихнигориро асосан таълифоти муҳаққиқони самтҳои гуногун, ки ба омӯзиши равандҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол равона шудаанд, ташкил медиҳанд. Дар раванди таҳқиқ бештар ба асарҳои таърихии инъикоскунандаи таърихи замони истиқлол таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд, аммо баробари он аз дастовардҳои самтҳои дигари илм, пеш аз ҳама илмҳои иқтисодӣ, сиёсатшиносӣ ва таърихи дипломатия низ фаровон истифода гардид. Манбаи муҳим ва нишондиҳандаи дараҷаи воқеии тасвири ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ дар замони истиқлоли давлатӣ ин асару мақолаҳо ва паёму суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд. Инчунин, ҳамчун сарчашмаи таҳқиқот аз маводи бойгониҳои ҷории вазорату кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаҳои омории солона ва таҷлилӣ, матбуоти даврӣ мавриди истифода қарор гирифтанд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Таҳқиқоти маҷмуӣ оид ба таҳлили таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ дар замони истиқлолӣ то ҳанӯз вуҷуд надорад. Вале асарҳои бунёдию дастаҷамъӣ, асару мақолоти зиёди илмӣ, публитсистӣ ва корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар таърихшиносии ватанию хориҷӣ таълиф ёфтаанд, ки дар онҳо самтҳои гуногуни ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии замони истиқлол мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд. Адабиёти илмии мавҷударо муаллиф ба чор гурӯҳ тақсим намудааст.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили умумии таърихнигории ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистони дар солҳои 1991-2016 равона гардидааст. Барои иҷрои ҳадафи асосии таҳқиқот иҷрои вазифаҳои зерин ба нақша гирифта шуданд: - таҳқиқи равандиислоҳоти иқтисодӣ ва ташаккули муносибатҳои нави истеҳсолӣ дар асарҳои таърихӣ; таҳлил ва нишон додани сатҳи инъикоси раванди рушди саноат ва омилҳои пешбаранда ва монеасози он, дараҷаи омӯзиши ҷараёни ислоҳот ва дигаргунсозиҳои соҳаи кишоварзӣ, ислоҳоти

замину об дар шароити соҳибистиқлолӣ ва хусусиятҳои хоси он дар адабиёти илмӣ; аз мавқеи таърихнигорӣ муайян намудани дараҷаи инъикоси сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ ва ислоҳоти сохторӣ дар соҳаи гуногун, баррасии дараҷаи таҳлили нақши ташкилотҳои гуногуни сармоягузор ва соҳибкор дар пешрафти иқтисодию фарҳангии ҷумҳурӣ; таҳлили дигаргунсозиҳои ҷиддӣ дар ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ, таҳаввулот дар низоми маорифи халқ, равшан намудани нақши муассисаҳои фарҳангӣ дар рушди ҷомеа, сатҳи баррасии имкониятҳои мавҷудаи сайёҳии ҷумҳурӣ дар таҳқиқоти пажӯҳандагон; муайян намудани масоили гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки аз мадди назари муҳаққиқон берун мондаанд ва пешниҳоди тавсияҳо барои вусъат додани инъикоси онҳо дар адабиёти илмӣ.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он аст ки коркарди илмӣ ва таҳлили таърихнигории маводи нав ва асарҳои зиёди илмӣ, ки роҷеъ ба таърихи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол таълиф гардидаанд, дар таҳқиқи ислоҳоти аграрӣ дар охири асри XX – ибтидои асри XXI, дар таҳқиқи сабабҳои пастравии саноати Тоҷикистон дар солҳои 90-уми асри XX ва рушди минбаъдаи он дар ибтидои асри XXI, дар таҳқиқи илмии заминаҳо, сабабҳо ва оқибатҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, дар таҳқиқи таърихи фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол зоҳир мегардад.

Доир ба натиҷаҳои таҳқиқот, ки бо кори диссертатсионӣ алоқамананд, 10 мақолаи илмӣ нашр кардааст, ки аз он 6 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ба чоп расидаанд.

Диссертатсия дорои аҳаммияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои ба даст омада метавонанд дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон ҷиҳати инъикоси ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар дар даврони истиқлол кӯмаки воқеӣ расонанд. Мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссертатсияро метавон зимни таълифи асарҳои бунёдӣ роҷеъ ба таърихи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол (солҳои 1991- 2016), инчунин зимни хондани курсҳои лексионӣ ва махсус аз фанҳои «Таърихи халқи тоҷик», «Таърихи иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистони соҳибистиқлол», «Таърихи фарҳанги Тоҷикистони соҳибистиқлол», «Таърихнигории таърихи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол» васеъ истифода кард. Аҳаммияти амалии диссертатсия, инчунин, аз истифодаи эҳтимолии натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, кафедраҳои гуманитарии мактабҳои олӣ иборат аст.

Маводи дар диссертатсия овардашуда барои дарки воқеии масъалаҳои мубрами ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат дар даврони истиқлол имконият медиҳанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳалталаби ҷомеаи муосири ҷумҳурӣ муфид мебошанд.

Хулосаҳои таҳқиқотӣ ва таҳлилҳои илмии дар рисола пешниҳодшуда нишон медиҳанд, ки таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолӣ (1991–2016) марҳалаҳои муайяни ташаккул ва рушдро паси сар намудааст. Дар ин давра, бо вуҷуди мушкилоти гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва таъсири омилҳои сиёсиву иҷтимоӣ, тадриҷан заминаи нави таҳқиқоти илмӣ ба вуҷуд омада, равандҳои муҳимми дигаргунсозиҳои ҷомеа мавриди омӯзиши муҳаққиқон қарор гирифтаанд. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар адабиёти илмии мавҷуда масъалаҳои марбут ба ислоҳоти иқтисодӣ, рушди иҷтимоӣ ва таҳаввулоти фарҳангӣ то андозае инъикос ёфта бошанд ҳам, ҳанӯз зарурати таҳқиқоти мукаммал ва ҳамаҷониба боқӣ мемонад. Махсусан, масъалаҳои марбут ба таҷрибаи минтақавӣ, хусусиятҳои хоси рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаҳои алоҳида ниёз ба омӯзиши амиқ доранд. Натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳанд, ки сатҳи инъикоси илмии равандҳои рушди ҷомеаи тоҷик дар давраи истиқлол арзёбӣ гардида, самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти минбаъда муайян карда шаванд. Ҳамзамон, хулосаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи асарҳои ҷамъбастӣ оид ба таърихи муосири Тоҷикистон, инчунин дар раванди таълими фанҳои таърих ва ҷомеашиносӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Автореферати рисола ба талаботи имрӯзаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ пурра ҷавобгӯ буда, мазмун ва мухтавои диссертатсияро ҳамаҷониба инъикос менамояд ва ба чоп тавсия дода мешавад.

Ҳамин тавр, комиссияи экспертӣ хулоса менамояд, ки диссертатсияи Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода таҳқиқоти илмии мустақилона ва ҷамъбастшуда буда, муаллифи рисола мақсаду вазифаҳои дар пешгузоштаро пурра иҷро намудааст, асосҳои методологӣ ва методҳои илме, ки истифода шудаанд, ҷавобгӯи талаботи муосири илм мебошанд. Аз рӯйи натиҷаҳои ба дастомада, истифодаи амалӣ ва сифати таҳқиқ, рисола ба талаботи муқаррарнамудаи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. – Таърих ва бостоншиносӣ 6.1.5. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти ба ҳимоя тавсия дода мешавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода дар мавзуи «Таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2016)»-ро барои дарёфти

дарачаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. – Таърих ва бостоншиносӣ 6.1.5. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ дар асоси банди 60-и «Тартиби додани дарачаҳои илмӣ» баррасӣ намуда,

**ҚАРОР КАРД:**

1.Диссертатсияи Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода дар мавзуи «Таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-ичтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2016)» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. – Таърих ва бостоншиносӣ 6.1.5. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ - таҳқиқотиашон ба ихтисоси 6.1.5. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Набизода Ваҳоб Машраб** – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.

– **Холмуродова Меҳрафрӯз Бурнеевна** – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърих ва методикаи таълими таърихи Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ.

3. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба ҳайси муассисаи пешбар таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир кардани эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 нусха) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои таърих — Қобилова Б.Т.

**Аъзои комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои таърих — Абдурашитов Ф.М.

доктори илмҳои таърих, профессор — Маликов М.Ҳ.

13.07.2026